«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия

______________ Ф.Р. Шарифзода

«_14_» ____10______ 2020

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод гардидааст**

Мазмун ва моҳияти диссертатсияи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид аз он дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ ба пуррагӣ анҷомёфта буда, аз ҷониби диссертант ҳаматарафа таҳқиқ гардидааст ва ба яке аз мавзӯъҳои муҳим – ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон бахшида шудааст.

Ҳуқуқи инсон чун унсури марказии муносибатҳои ҷамъиятӣ пайваста мавриди баррасӣ ва танзим қарор дошта, бо ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рӯи кор омадани манфиатҳои гуногун ҳимоя намудани ҳуқуқҳои барандагони (субъектони) махсуси ҳуқуқ, алалхусус кӯдакон бештар ба мушоҳида мерасад. Бояд тазаккур дод, ки кӯдак чун субъекти махсуси ҳуқуқи инсон пайваста ва дар ҳама ҳолат мавриди ҳимоя қарор дошт, вале имрӯз зарурати бештар барои баррасии ҳаматарафаи масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқи кӯдак ба миён омадааст. Зеро, раванди ҷаҳонишавӣ, сар задани мухолифатҳои байнидавлатӣ, низоъҳои ҳарбӣ дар манотиқи гуногуни ҷаҳон, тағйир ёфтани урфу одатҳои маҳаллӣ ва бегона гардидани фарҳанги таърихӣ, ворид гардидани амалҳои ғайриахлоқӣ ба тафаккури мардум ва ғ. таъсири худро ба ҳаёти муқаррарии инсонҳо расонида, боис ба он мегарданд то таваҷҷуҳи махсус ба баррасии масоили вобаста ба ҳимояи ҳуқуқу

озодиҳои табақаҳои ба ҳимоя эҳтиёҷманд, алалхусус кӯдакон дода шавад. Вале, ин масъала вақте роҳи ҳалли амиқи худро пайдо менамояд, агар мо ба марҳилаҳои гуногуни таърихии эҳтиром ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон диққати худро равона намоем. Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр интихоби мавзӯи мазкур аз ҷониби пажӯҳишгар саривақтӣ ва муҳим маҳсуб меёбад.

Мавзӯи таҳқиқотро андешаву назари олимон ва мутафаккирон оид ба ҳуқуқи кӯдак дар давраҳои гуногун, заминаҳои пайдоиш ва қонуниятҳои инкишофи он, муқаррароти қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар ин соҳа ташкил медиҳад.

Мақсади таҳқиқоти илмӣ таҳлили таърихию ҳуқуқӣ ва назариявии ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар шароити мушаххаси таърихии Тоҷикистон, таҳлили қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, дарёфти роҳҳои ҳал ва пешниҳоди тавсияву таклифҳоро оид ба мукаммал гардонидани қонунгузорӣ фаро мегирад. Бо мақсади расидан ба ҳадафи гузошташуда, унвонҷӯ дар назди худ як зумра вазифаҳоро гузоштааст, аз ҷумла, ба таври пурра баррасӣ намудани ҳуқуқи кӯдак дар таърихи давлатдории тоҷикон, ба таври назариявӣ муайян намудани масъалаҳои вобаста ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон алоқаманд ва роҳҳои бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта дар ин самт, такмили қонунгузории соҳа ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ҳуқуқҳои кӯдак ва ғ.

Бояд қайд намуд, ки он масъалаҳое, ки пажӯҳишгар мавриди баррасӣ қарор додааст, ба талаботи илм ва амалияи замони муосир ҷавобгӯ мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои болозикр метавон иброз намуд, ки мавзӯи рисола аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

Асосҳои методологии рисоларо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ ташкил додааст, ки онҳо аз ҷониби таҳқиқбаранда бо маҳорати баланд истифода бурда шудаанд.

Асосҳои назариявии рисолаи мазкурро корҳои илмӣ-тадқиқотии олимони дохилӣ ва хориҷӣ, ба мисли Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, Р.Ш. Сотиволдиев, Э.С. Насриддинзода, Б.А. Сафарзода, У.А. Азиззода, А.М. Диноршоҳ, Д.С. Раҳмон, Ш.Ф. Искандаров, Ҷ. Саъдизода, Н.Ш. Қурбонализода, Ғ.И. Ғаффорзода, В.И. Абрамов, Г.В. Богданова, Н.И. Беседкина, Т.В. Лобанова, Е.Н. Микитова, К. Никонов, М.В. Голлер, О.В. Бутко, О.В. Садина, Шийко-Окрух Малгожата ва дигарон ташкил медиҳанд.

Он нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, илман асоснок буда, аз камолоти илмӣ-эҷодии муаллиф далолат медиҳанд. Натиҷа ва пешниҳодҳое, ки аз ҷониби муаллиф таҳия шудаанд, дақиқ ва сазоворӣ боварӣ мебошанд.

Сохтори рисола вобаста ба мақсад ва вазифа аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Боби якум – «Ташаккул ва эътирофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон: аз замони зардуштия то даврai шӯравӣ» ном гирифта, фарогирандаи масъалаҳое мебошад, ки бо ташаккули ҳуқуқҳои кӯдак ва эътирофи онҳо дар сарзамини тоҷикон алоқаманд аст.

Унвонҷӯ эътирофи ҳуқуқҳои кӯдакро дар тамаддуни зардуштӣ мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки «...барои нигоҳубин, тарбия ва тансиҳатии кӯдакон фариштае бо номи Дрвасп вуҷуд доштааст, ки ӯ онҳоро аз ҳар гуна хатарҳо эмин нигоҳ дошта, ҳангоми зарурият ба табобаташон машғул мешудааст. Фариштаи мазкур кӯдаконро аз ҳама гуна бадиҳо муҳофизат мекард. Мавҷуд будани чунин рамз ё фаришта гувоҳ аз он аст, ки гузаштагони мо ба кӯдакон ҳамчун табақаи махсус ва муҳтоҷ ба ҳимоя муносибат менамудаанд. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ нигоҳбин ва сарпарастии кӯдаконе, ки аз сарпарастии волидонашон маҳрум гашта буданд, пешбинӣ намуда буд. Ҳангоми фавти волидайн сарпарастии кӯдакон ба дӯши хешони наздик вогузошта мешуд» (саҳ. 25). Ин андешаи муаллиф қобили дастгирӣ мебошад, зеро

миллати тоҷик дар масири таърих пайваста дар талоши он буд то ҳуқуқу манфиатҳои табақаҳои осебпазири ҷомеаро мавриди ҳифз ва ҳимоя қарор диҳад, ки кӯдакон аз онҳо истисно буда наметавонанд. Баъдан, пажӯҳишгар иброз менамояд, ки дар тамаддуни зардуштӣ кӯдакон натанҳо дорои ҳуқуқ, балки дорои уҳдадориҳои муайян буданд, аз ҷумла эҳтироми падару модар, подшоҳон, сардорон ва калонсолон, наозурдани онҳо; даст задан ба амалҳои нек ва даст кашидан аз бад; даст кашидан аз гуноҳ; сипосдор будан; ба хештан ба айбу ҳунар нигаристан; бо дӯстон иттифоқ будан; аз дурӯғ боз истодан; нахӯрдани савганд; муносибати хуб бо зану фарзанд; даст кашидан аз зино (нарафтан пеши зани руспӣ (фоҳиша) ва ғ. (саҳ. 37). Дар шароите, ки ҷомеаи муосир фарҳанги бегонаро ба фарҳанги миллӣ омезиш медиҳад ва таъсири манфии он ба табақаҳои муайян, махсусан кӯдакон мерасад, муайян намудани уҳдадории кӯдакон дар ҷомеа аз аҳамият холӣ нест, зеро онҳо бояд оддитарин амалҳоро, ки гузаштагони мо анҷом медоданд ва онҳо барои тарбияи дурусти кӯдакон таъсири амиқ мерасонданд, омӯзанд ва ба ҷо оранд.

Эътироф ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ низ аз ҷониби муаллиф ба таври амиқ мавриди таҳлил қарор гирифта, иброз менамояд, ки «ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак барои тамаддуни исломӣ падидаи бегона набуда, баръакс сарчашмаҳои аввалиндараҷаи ҳуқуқи мусулмонӣ, махсусан Қуръон пур аз меъёрҳоест, ки ба кӯдакон ва ҳифзи манфиатҳои онҳо равона шудаанд» (саҳ. 37). Сипас, унвонҷӯ иброз менамояд, ки дар асоси таълимоти ислом барои тарбияи арзандаи кӯдак, оила (падару модар), ҷомеа ва давлат масъул мебошанд. (саҳ. 70). Андешаҳои муаллиф боиси дастгирӣ мебошанд, зеро ислом фарогирандаи меъёрҳое мебошад, ки дар онҳо моҳияти ҳуқуқу манфиатҳои инсон, махсусан кӯдакон ба таври возеҳ инъикос ёфта, барои тарбияи ӯ падару модар, ҷомеа ва давлат масъул гардидаанд.

Дар марҳилаи дигар, унвонҷӯ ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакро дар замони шӯравии давлатдории тоҷикон мавриди пажӯҳиш қарор додааст,

ки ин ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар ин замина, муаллиф вазъи ҳуқуқии кӯдаконро мувофиқ ба санадҳои қабулгардида, махсусан конститутсияҳои дар замони шӯравӣ қабулгарида муайян намуда, аҳамияти санадҳои мазкурро дар эътирофнамоӣ ва ҳимояи ҳуқуқи кӯдак баён намудааст. Дар интиҳо иброз менамояд, ки «қонунгузории оилавӣ дар охири асри XX ба такмилдиҳӣ ниёз дошт». (саҳ. 112). Чунин хулосабарорӣ намудани таҳқиқбаранда комилан дуруст мебошад, зеро қонунгузории оилавии қарни сипаришуда ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзои оила, алалхусус кӯдаконро на ба таври ҳаматарафа фаро мегирифт. Инчунин, дар марҳилаи мазкур василаи амиқи ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон ба мушоҳида намерасид.

Боби дуюм – «Инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, дар он масъалаҳои мухталифи вобаста ба эътирофнамоӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Пажӯҳишгар мафҳуми «кӯдак»-ро мавриди омӯзиш қарор дода, дар натиҷа ба чунин хулоса меояд: «Барои муайян намудани вазъи ҳуқуқии субъекти махсуси ҳуқуқ, ки ба чунин сифат шахс то расидан ба синни 18 ба ҳисоб меравад, бояд категорияи универсалии «кӯдак» истифода бурда шавад. Категорияҳои «ноболиғ», «хурдсол», «наврас» ва ғайра зери мафҳуми «кӯдак» фаро гирифта мешаванд, аммо аҳамияти ҳуқуқии онҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо имкон медиҳанд имкониятҳои махсуси ҳуқуқии кӯдак дақиқтар ба эътибор гирифта шавад. Чунин муносибат имконият медиҳад, то ин ки мафҳумҳои ҳуқуқӣ унификатсия карда шаванд ва метавонад дар пешгирӣ ва бартараф намудани мухолифат миёни санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ҳолати ҳуқуқии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши бағоят муҳимро бозад». (саҳ. 122).

Сипас, муаллиф ҳуқуқу озодиҳои кӯдаконро дар асоси қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода, чунин кафолатҳои ҳуқуқии кӯдаконро муайян менамояд: «1) танзими ҳуқуқии мукаммал ва натиҷабахши муносибатҳое, ки бо амалигардонии

ҳуқуқҳои кӯдак алоқаманд мебошанд, тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ; 2) беҳтар намудани сифати базаи қонунгузорӣ ва дар маҷмӯъ меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи мазкури танзими ҳуқуқӣ, мукаммалгардонии он; 3) коркарди дақиқи меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, граждани ва дигар парвандаҳо, ки бевосита ва ё бавосита ба ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак дахл доранд; 4) муқаррар намудани чораҳои ҷавобгарӣ (санксияҳои ҳуқуқӣ) барои вайрон кардани ҳуқуқҳои кӯдак, дар як қатор ҳолатҳо – нисбат ба ҷазоҳои барои таҷовузи ҳуқуқҳои шабеҳи калонсолон таъиншаванда, вазнинтар (масалан, ба ҳаёт ва саломатӣ, дахлнопазирии шахсии кӯдакон); 5) фаъолияти самаранок ва дақиқи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (суд, прокуратура, милитсия, бозрасиҳои махсус) ва дигар ашхоси ҷисмониву ҳуқуқӣ (мақомоти васоят ва парасторӣ, муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои фарҳанг ва ғайра), ки ба пешгирӣ ва бартараф намудани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо нисбати кӯдакон равона шудааст; 6) ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани ашхоси гунаҳгор ва ҷазо додани онҳо; 7) фаъолияти назоратии мақомоти махсус (суд, прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ); 8) назорати мақомоти давлатӣ аз болои фаъолияти сохтору воҳидҳои тобеи худ; 9) мукаммал гардонидани хадамоти ҳуқуқии муассиса ва ташкилотҳои давлатӣ, хусусӣ ва дигар ташкилотҳо». (саҳ. 162-163). Чунин тақсимбандӣ намудани кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро онҳо моҳияти меъёрҳои миллӣ ва байналмилалиро дар ин самт инъикос менамоянд.

Новобаста аз ҷанбаҳои мусбати рисола, ҳастанд баъзе нуктаҳое, ки аз нигоҳи мо баҳсталаб менамоянд:

1. Дар нуктаи илмии ҳаштум, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст унвонҷӯ мафҳуми кӯдакро ба таври зайл пешниҳод намудааст: «кӯдак гуфта шахсе эътироф мешавад, ки ба синни муқаррарнамудаи қонунгузории миллӣ нарасидааст». Ба андешаи мо чунин тарзи маънидоднамоии мафҳуми кӯдак баҳсбарангез мебошад. Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ҳама гуна ашхосе, ки ба синни 18-солагӣ

нарасидаанд, кӯдак муаррифӣ менамояд. Аз ин рӯ, таҳқиқбарандаро зарур аст, ки нуктаи илмии пешниҳод намудаашро асоснок намояд.

2. Дар нуктаи илмии нуҳум мафҳуми ҳуқуқи кӯдак чунин пешниҳод гардидааст: «ҳуқуқи кӯдак гуфта, маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои ҷудонашаванда ва бегонанашавандаи асосии кӯдак фаҳмида мешавад, ки ба кӯдак аз лаҳзаи таваллуд мансуб буда, тибқи қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналхалқӣ эътироф, кафолат ва ҳифз карда мешавад». Ба андешаи мо нуктаи илмии мазкур баҳсбарангез буда, унвонҷӯ лаҳзаи то таваллудро ба инобат нагирифтааст. Дуруст мебуд лаҳзаи дар батни модар қарор гирифтани ҷанин ба инобат гирифта мешуд.

3. Унвонҷӯ дар тавсияи амалии худ (С. 14-15) пешниҳод менамояд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фанни таълимии ҳуқуқҳои кӯдак ҷорӣ карда шавад. Ба андешаи мо пешниҳоди мазкур қобили қабул буда наметавонад, зеро омӯзиши масъалаи мазкурро фанҳои таълимии «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ», ки дар синфҳои 8-9 ва «Ҳуқуқи инсон», ки дар синфҳои 10-11 таълим дода мешаванд дар бар мегиранд.

Камбудиҳои зикргардида баҳснок буда, аҳамияти баланди илмии диссертатсияи мазкурро кам наменамоянд. Матни автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқ мебошад.

Мазмуну муҳтаво ва хулосаи диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ дар конференсия ва семинарҳои сатҳи гуногун маърӯза гардидааст. Оид ба муҳтавои диссертатсия 10 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 мақола дар нашрияҳои дигар интишор гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Ш.Ш. Шосаидзода дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон» ба бандҳои 10, 11, 14 ва 16 - Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шосаидзода Шаҳбоз

Шосаид сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2-юми Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мансурзода Амиршоҳ Мансур омода гардида, он 13-уми октябри соли 2020 дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2-юми Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва 14-уми октябри соли 2020 дар ҷаласаи кафедраи мазкур ҷонибдорӣ гардидааст (протоколи № 3/1).

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:
сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Заробидинзода С.З.

Ташхисгар:

дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мансурзода А.М.

Котиби семинари илмӣ-назариявӣ:
муаллими калони кафедраи
фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2-юми
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Ғ.Н.

Имзои Заробидинзода С.З., Мансурзода А.М. ва
Қодирзода Ғ.Н.-ро тасдиқ менамоям
сардори шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия А.Ё. Абдуллозода

Суроға: 734024, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулова 3, тел: +992 (37) 226-60-42, 226-28-57, факс: 226-60-43. Суроғаи электронӣ: www.avkd.tj;
E-mail: avkd.tj@mail.tj